# Низомҳои иттилоотӣ дар саноати сайёҳӣ

Саноати сайёҳӣ бо коркарди фаврии ҳаҷми калони иттилоот сахт алоқаманд буда, варақаҳои ҷойбандкунии чиптаҳои ҳавопаймо, раванди ҷойбандкунӣ дар меҳмонхонаҳо, коркарди иттилоот оиди гурӯҳҳо дар хатсайрҳои сайёҳӣ, дархостҳои ширкатҳои сайёҳӣ ва ғайра мисол шуда метавонанд. Агар дар аввал захирасозии мунтазами иттилооти коркардшуда муҳим бошад, баъдан коркард, ёфта гирифтан, таҳрир намудани иттилоот ва ҳамзамон суръати коркард ва саҳеҳии коркарди иттилоот зарурат дорад. Чунин равандҳои иттилоотии шакл ва намуди мухталифдоштаро низомҳои иттилоотӣ ҷамъоварӣ ва коркард менамоянд.

**Низоми иттилоотӣ (НИ)** – ин маҷмӯи массиви калони иттилоот оиди объектҳо ва зуҳуротҳои олами ҳақиқӣ (маҷмӯи пойгоҳи додаҳо) ва маҷмӯи воситаҳои барномавию техникии коркарди ин массивҳои иттилоот (нигоҳдорӣ, корркард ва ҷустуҷӯи иттилоот) мебошад. Асоси НИ ва обекти коркарди онро пойгоҳи додаҳо ташкил намуда, воситаҳои коркард ё афзорҳои коркарди иттилоотиро системаи идоракунии пойгоҳи додаҳо (СИПД) иҷро мекунад.

Пойгоҳи додаҳо ин сохтори батартибовардашудае мебошад, ки барои нигоҳ доштани иттилоот баҳрабардорӣ мешавад. Дар пойгоҳи додаҳо маълумот оиди обектҳои мушаххаси олами воқеъӣ ва соҳаи муайян нигоҳ дошта мешавад.

Маҳз иттилооти дар НИ ва пойгоҳи додаҳо ҷойгирбуда асоси фаъолияти кулли иштирокчиёни бозори сайёҳиро ифода мекунад. Пойгоҳи додаҳо дар давраи рушди худ то имрӯз шаш наслро паси сар намудааст. Дар аввал иттилоот дастӣ коркард мешуд. Баъдан афзорҳои перфокортҳо ва мошинаҳои электромеханикӣ пайдо шуданд, ки барои батартиборӣ ва ҷадвалсозии миллионҳо навиштҳо истифода мешуданд. Дар марҳилаи оянда иттилоотро дар лентаҳои магнитӣ ва барномаҳоро дар шакли файл навиштан оғоз

гардид. Дар насли оянда мафҳумҳои “сохтор”-и пойгоҳи додаҳо ва дастрасии фаврӣ ба иттилоот пайдо шуд. Насли дигари пойгоҳи додаҳо дар асоси дастрасии худкор ба ҷадвалҳои пойгоҳи додаҳо ва тадбиқи технологияи коркарди иттилоотии сервери муштарӣ амал мекунад.

Ҳоли ҳозир насли шашуми низомҳои иттилоотӣ (пойгоҳи додаҳо) баҳрабардорӣ шуда истодааст, ки имконияти нигоҳ доштани массивҳои ниҳоят калони иттилоотиро аз қабили санадҳо, графикҳо, садо, видео ва ғайраро нигоҳ дошта метавонанд. Ин низомҳои насли шашум воситаҳои пойгоҳии нигоҳдории иттилоотро дар Internet ва Intranet доранд. Насли шашумро инчунин пойгоҳи додаҳои чандрасонаӣ низ мегӯянд.

Асоси НИ дар саноати сайёҳӣ пойгоҳи додаҳои релятсионӣ[1] ва чандрасонаӣ ташкил мекунанд, ки иттилооти дар он ҷойгирбуда шаклҳои гуногун дошта, мунтазам дар ҳоли тағйирёбист. Масалан, НИ ширкати сайёҳӣ рӯйихати сайрҳо, нархномаи меҳмонхонаҳо, таҳфифҳо ва ҳама гуна маълумотномаҳои соҳавиро дар бар мегирад. Баҳрабардорӣ аз чунин низомҳо теъдоди ниҳоят ками кормандони ширкатро талаб мекунад. Иттилоот дар пойгоҳи додаҳо бо суръати ниҳоят калон лаҳза ба лаҳза иваз мешавад. Дар як вақт метавонанд теъдоди хеле зиёди корбарон дар шабака аз НИ истифода намуда маҳсулотҳои пешниҳоднамудаи ширкатро харидорӣ намоянд.

**Худкорсозии ширкатҳои сайёҳӣ.** То солҳои наздик худкорсозии ширкатҳо ва корхонаҳо бо харидории барномаҳои худкорсозии самти муайяни фаъолият аз қабили ҳисоби мӯзди маош, баҳисобгирии ашёҳо, низоми худкори баҳисобгирии кормандон дар шӯъбаи кардрҳо ва ғайра маҳдуд мешуд. Бо мурури замон раванди худкорсозии фаъолияти корхонаву ширкатҳо на танҳо кулли амалиётҳои як ширкат, балки барномаҳои худкор раванди фаъолияти маҷмӯи корхонаҳои минтақавиро дар саноати туристӣ идора карда метавонанд. Ин ба шафофият ва

---
[1] Пойгоҳи додаҳои релятсионӣ аз маҷмӯи ҷадвалҳои ба ҳам алоқаманд иборат мебошад.

эътимоднокии ҳамкориҳои байниҳамдигари иштирокчиёни тиҷорати сайёҳӣ мусоидат менамояд. Инчунин дар ин сурат масъалаҳои таҳлили амалиёт, хоҷагидорӣ, ояндабинӣ ва рушди соҳа дар маҷмӯ мавриди назари роҳбарият карор мегирад.

То ҳоло миқдори ниҳоят зиёди барномаҳои мухталиф эҷод гардиданд, ки онҳоро шартан ба якчанд гурӯҳ ҷудо мекунаанд: низомҳои идоракунии худкор (НИХ), низомҳои идоракунии санадҳо (НИС), низоми худкори идоракунии равандҳо (НХИР) ё низоми workflow (пайдар пайии амалҳои иҷрошаванда), низомҳои идоракуии афкор дар миқёси корхона ва ғайра. Ҳар яки онҳо бо мақсади муайян сохта шудаанд ва вазифаҳои хеле зиёдеро анҷом дода мувофиқан арзишҳои гуногун дошта метавонанд.

Марҳилаҳои худкорсозии ширкатҳои сайёҳиро дида мебароем.

1. Насби таъминоти барномавии стандартӣ:

   Таъминоти барномавии системавӣ – системаҳои омилии Windows ё Linux;

   Таъминоти барномавии амалӣ:

   - Бастаҳои барномавии Microsoft Office (Word, Excel, Power-Point, Outlook, Access) ва OpenOffce.org ;
   - Барномаҳои амалии алоҳидаи ширкатҳо;
   - Барномаҳои тарҷумони электронӣ;
   - Барномаҳои кор бо графикаҳо ва шинохтани шаклҳо;
   - Барномаҳои пешбурди фаъолияти молиявӣ ва ҳисобдорӣ;
   - Низомҳои геоиттилоотӣ;
   - Низоми идоракунии санадҳо, равандҳои тиҷоратӣ ва афкор.
2. Насби таъминоти барномавии махсуси соҳаи сайёҳӣ. Барномаҳои қолабии саноати туристии миллӣ ва «Мастер-Тур», «Мастер-Web», «Само-Тур», «TurWin» ва ғайра.
3. Ҳамроҳшавӣ ба низомҳои ҷойбандкунӣ – низомҳои саросарии ҷойбандкуниҳо; низомҳои ҷойбандкунии меҳмонхонаҳо;

низомҳои ҷойбандкунӣ ва фурӯши чиптаҳои ҳавопаймо, сайру сайёҳат ва ғайра.

4. Алоқамандсозии барномаҳои қолабӣ ба низомҳои ҷойбандкуниҳои саросарӣ.
5. Иштирок дар тиҷорати электронӣ ё соҳибкории электронӣ.

Ҳамин тариқ, баҳрабардорӣ аз таъминоти барномавии амалии мухталиф ва имкониятҳои шабакаи Интернет мусоидат менамоянд, ки тамоми равандҳои фаъолияти саноати туристӣ ба таври электронӣ роҳандозӣ гардида мубодилаи иттилоотӣ тариқи почтаи электронӣ ва реҷаи on-line сурат гирад.

Амалан бо рӯйи кор омадани Интернет ва тиҷорати электронӣ худкорсозии ширкатҳои сайёҳӣ на танҳо афзори беҳбудии фаъолият, хизматрасонии сатҳи баланди муштариён, шафофият ва қабули қарорҳои идоракунӣ гардид, инчунин афзори асосии таблиғотӣ ва ҷалби муштариёни тоза гардидааст. Ҳоли ҳозир на ҳама ширкатҳо ва операторҳои сайёҳии кишвар аз таъминоти барномавии махсус баҳрабардорӣ менамоянд. Аксарияти онҳо бо ин ё он намуди барномаҳои худкор сару кор доранду халос.

**Саволҳо:**

1. Низоми иттилоотӣ чист?
2. Пойгоҳи додаҳо чист?
3. Пойгоҳи додаҳо дар давраи рушди худ то имрӯз чанд наслро паси сар намудааст ва ин наслҳо кадом давраҳоро дар бар мегиранд?
4. Худкорсозии ширкатҳои сайёҳӣ гуфта чиро мефаҳмед?
5. Марҳилаҳои худкорсозии ширкатҳои сайёҳӣ кадомҳоянд?